# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасонии пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳои дахлдор санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро бо қарори мазкур мутобиқ намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 майи соли 2019 № 225

ш.Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "2" майи соли 2019, №
225 тасдиқ шудааст

# Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон

Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон (минбаъд - Тартиб) мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", бо мақсади ба танзим даровардани раванди қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дагари буҷети давлатӣ (минбаъдқабули шрдохтҳо), ки тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон анҷом дода мешавад, таҳия гардидааст.

## *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Дар Тартиби мазкур таҳти мафҳуми мақомоти масъул мақомоти давлатие фаҳмида мешавад, ки барои ҷамъоварии маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ масъул мебошад.

2. Бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (минбаъдташкилотҳои қарзӣ) ҳуқуқ доранд тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон дар асоси шартномаи бо мақомоти масъул басташуда хизматрасонии қабули пардохтҳоро, ки номгӯйи онҳо дар шартнома дарҷ шудааст, ба аҳолӣ пешниҳод намоянд.

3. Қабули пардохтҳо тавассути терминалҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ карда мешавад.

4. Қабули пардохтҳо ба таври нақдӣ тавассути терминалҳои худкори худхизматрасон амалӣ мегардад, инчунин метавонад ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ карда шавад.

5. Ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми қабули пардохтҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, бояд шахсияти муштарӣ-шахси воқеиеро, ки пардохтро анҷом медиҳад, мушаххас намоянд.

6. Мақомоти масъул барои қабули пардохтҳо бояд дар асоси озмун (тендер) ташкилотҳои қарзии боэътимодеро, ки дорои шабакаи терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон мебошанд, интихоб намояд. Мақомоти масъул барои қабули пардохтҳо метавонад якчанд ташкилоти қарзии боэътимодро дар асоси шартнома ҷалб намоянд.

7. Мақомоти масъул барои қабули пардохтҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ метавонад аз терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасоне, ки ба мақомоти масъул мансуб мебошанд, истифода намояд.

## *2. ТАЛАБОТ БАРОИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАБУЛИ ПАРДОХТҲО*

8. Терминалҳои худкори худхизматрасон, ки тавассути онҳо қабули пардохтҳо анҷом дода мешавад; бояд ба низоми автоматикунонидашудаи бонкии ташкилотҳои қарзӣ мустақиман пайваст бошад ва ҳар як амалиёт оид ба қабули пардохтҳо бояд дар низоми ташкилотҳои қарзӣ инъикос гардад.

9. Ташкилотҳои қарзӣ бояд қабули ҳамаи намудҳои тангаҳои филизӣ ва пулҳои коғазии дармуомилотбударо ҳангоми қабули пардохтҳо бо истифодаи терминалҳои худкори худхизматрасон таъмин намоянд.

10. Терминали худкори худхизматрасоне, ки тавассути он пардохтпулӣ қабул карда мешавад, ба сифати тасдиқи гузаронидани амалиёт бояд бо дастгоҳи додани чеки (расиди) хазина, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, муҷаҳҳаз гардонида шавад. Ҳамчунин ташкилотҳои қарзӣ бояд ба рақами телефони мобилӣ ва (ё) суроғаи почтаи электронии муштарӣ чеки (расиди) хазинаро дар шакли электронӣ ирсол намоянд.

11. Ташкилотҳои қарзӣ бояд терминалҳои худкори худхизматрасонро дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намоянд.

12. Ташкилотҳои қарзӣ барои таъмини коршоямӣ ва анҷом додани корҳои профилактикию техникии терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон бояд шахсони масъулро таъин намоянд.

13. Ташкилотҳои қарзӣ инкассаи маблағҳои бо истифодаи терминалҳои худкори худхизматрасон қабулнамударо тавассути воситаҳои худӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

14. Ташкилотҳои қарзӣ барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи инкассаи маблағҳои нақд, ки тавассути терминалҳои худкори худхизматрасон қабул карда мешаванд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

15. Бо мақсади ҳифзи муштариён аз қаллобӣ, дуздӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ташкилотҳои қарзӣ бояд дар раванди қабули пардохтҳо талаботи бехатарии хизматрасонии фосилавии бонкиро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, риоя намоянд.

16. Ҳамаи маблағҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳон худкори худхизматрасон қабул шудаанд, на дертар аз рӯзн амалиётие, ки баъд аз рӯзи қабули пардохтҳо фаро мерасад, бояд ба суратҳисобҳои дахлдори бонкии мақомоти масъуле, ки ба манфиати онҳо пардохтҳо қабул гардидаанд, гузаронида шаванд.

17. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки пеш аз қабул намудани пардохтҳо муштариёнро дар шакли ба онҳо дастрас бо шартҳои қабули маблағҳо ва дар ҳолати зарурӣ баргардонидани маблағҳо ба пардохткунанда, аз ҷумла тартиби шикоят кардан ва иттилооте, ки барои тамос бо ташкилотҳои қарзӣ зарур мебошад, шинос намоянд.

18. Ҳамаи иттилоот оид ба амалиёти қабули пардохтҳо, ки тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон амалӣ карда мешавад, дар мухлати на кам аз 5 (панҷ) сол аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд.

19. Дар раванди қабули пардохтҳо ба ташкилотҳои қарзӣ ва мақомоти масъул бастани шартномаҳо, аҳдҳо, созишномаҳо ё анҷом додани амалҳои мувофиқашуда, ки дар натиҷаи онҳо ҳолатҳои роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ба миён меоянд, манъ аст.

20. Дар раванди қабули пардохтҳо ташкилотҳои қарзӣ бояд шартномаи оммавиро (аз ҷумла дар шакли офертаи оммавӣ) байни худ ва муштариён таҳия намуда, онро дар экрани терминалҳои худкори худхизматрасон ҷойгир намоянд.

21. Ҷойгир ва паҳн намудани рекламаи мол, кор ва хизматрасонӣ дар экрани терминалҳои худкори худхизматрасон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ба роҳ монда мешавад.

22. Низомҳои пардохтие, ки дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд, бо бастани созишномаҳои дахлдор метавонанд қабули пардохтҳоро танҳо тавассути ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ монанд.

## *3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ*

23. Барои риоя накардани Тартиби мазкур нисбати ташкилотҳои қарзӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ андешида мешаванд.